**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров профессор Усмонзода А.И.________
«__25__» ______________ соли 2023

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба диссертатсияи Ҷанг Лей дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. – Душанбе, 2023. – 186 с.**

Истилоҳот қисми зиёди луғати ҳар як забонро ташкил медиҳад. Мо истилоҳ гуфта ҳамон калима ё ибораеро меномем, ки барои муайян кардани мафҳуми хоси ҳар як соҳаи ҷудогона истифода мешавад. Бо ҳамин тартиб истилоҳ воҳиди яклухти забон аст, ки дар шакли калима, ибора, ихтисора мавриди корбурд қарор гирифта, вазифаи он ифодаи маъно ва мафҳуми махсуси соҳаҳои илм, техника, технология ва муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад ва аз тарафи ҳамагон ба ҳамон як маъно қабул шудааст. Ҳаҷм ва мундариҷаи мафҳум, ки истилоҳ барои онҳо истифода мешавад, бо таърифҳое, ки дар адабиёт оид ба ин масъала мавҷуданд, муайян карда мешаванд. Истилоҳшиносӣ яке аз бахшҳои муҳими забоншиносӣ мебошад.

Диссертатсияи мазкур ба омӯзиши муқоисавии сохтор ва маънои истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бахшида шуда, иқдоми аввалин дар забоншиносии муқоисавии тоҷик мебошад. Мавриди қайд аст, ки таҳқиқи муаммоҳои истилоҳ ва воситаҳои ифодаи он солҳои зиёд на танҳо диққати олимонро ба худ ҷалб намудааст, балки фаҳмишу табиати он сабаби баҳсу талошҳо низ гардидааст. Новобаста ба шумораи зиёди пажӯҳишҳои ба мавзуи мавриди баҳс бахшидашуда, хусусиятҳои маъноию сохтории истилоҳоти забоншиносӣ то ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

Таҳқиқу баррасии масъалаи мазкур барои ҳалли масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ аҳамияти калони илмӣ дошта, аз рӯзмарра будани мавзуи кори илмии мазкур шаҳодат медиҳад.



Сканировано с CamScanner

Диссертатсия таҳти унвони «Таҳлили маъноию сохтории истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии атесттсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мешавад, ки истилоҳоти забоншиносӣ бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегирад. Қайд кардан ба маврид аст, ки маводҳои гирдовардашуда дар забонҳои муқоисашаванда аз маъхазҳои илмӣ хеле боарзиш буда, баҳри инкишофу рушди истилоҳшиносӣ дар забоншиносии тоҷику чинӣ хизмат менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он аст, ки дар натиҷаи таҳқиқоти истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ як қатор шабоҳат ва тафовутҳо бо истифодаи истилоҳоти мазкур дар забонҳои муқоисашаванда муайян гардид.

Инчунин, дар таҳқиқот дар низоми луғавии забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бори аввал мавзуи омӯзиши амиқтари системавии қиёсию типологӣ қарор мегирад, ки дар он хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва сохториву грамматикии истилоҳоти забоншиносии забонҳои мавриди омӯзиш қароргирифта ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо баррасӣ мешавад; бори аввал хусусиятҳои муқоисавию типологии таркиби луғавии забонҳои муқоисашаванда дар мисоли истилоҳоти забоншиносӣ нишон дода шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки таҳқиқоти мазкур бо таҳия ва коркард метавонад роҳу усулҳои навро дар низоми махсуси истилоҳсозӣ инъикос намояд. Махсусиятҳои назарӣ ва низоми истилоҳшиносие, ки дар таҳқиқи мазкур нишон дода шудааст, баҳри анҷом додани таҳқиқотҳои минбаъда дар забонҳои чинӣ ва тоҷикӣ заминагузорӣ меннамояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқи ба дастомада метавонад барои мураттаб сохтани дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, луғатномаҳои дузабона, мураттаб намудани лексияҳо оид ба фанҳои забоншиносии муқоисавӣ, назарияи тарҷума, типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ, барои навиштани мақолаҳои илмӣ, кори курсӣ ва дипломӣ мусоидат менамояд.

Диссертатсия аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва интишороти муаллифи диссертатсия таркиб ёфтааст.



Сканировано с CamScanner

Дар муқаддима масъалаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ: мубрамият ва муҳимияти мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳо асоснок карда шудаанд, асосҳои назарариявӣ-методологии тадқиқот нишон дода шуда, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада тавзеҳ дода мешаванд. Мавзуъ (предмет) ва объекти кор муайян карда шуда, нукоти барои ҳимоя пешниҳодгашта оварда шудаанд.

Боби якуми дисертатсия «Асосҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти забоншиносӣ (语言学) дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» номгузорӣ шуда, аз шаш зербоб иборат мебошад ва дар он заминаҳои назариявии таҳқиқоти типологӣ, ки ба таҳлили истилоҳоти забоншиносӣ бахшида шудаанду аз ҷониби забоншиносони ватанию хориҷӣ таҳқиқ гардидаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф доир ба методҳои муқоисавӣ-типологӣ, ки оид ба онҳо ақидаҳои гуногун мавҷуданд, инчунин доир ба самтҳои муҳимтарини таҳқиқоти забоншиносии муосири забоншиносони тоҷик ва чин изҳори ақида намудааст. Инчунин, омӯзиши қонуниятҳои ташаккули истилоҳот дар забони чинӣ, сохтор ва семантикаи онҳо таҳлил ва баррасӣ шудаанд. Дар боби мазкур муаллиф тавонистааст андешаҳои муҳаққиқонро доир ба сарчашмаҳои омӯзиши истилоҳоти забоншиносӣ баён намояд. Зикр мегардад, ки муҳимтарин сарчашмаи омӯзиши луғатсозӣ ва истилоҳофаринӣ забони шеър, анбуҳи осори мансуре, ки ба забони тоҷикӣ дар заминаи дин, сиёсат, иқтисодиёт, ахлоқ, ирфон, адаб, таърих, илмҳои маъмул ва амсоли он навишта шудаанд, инчунин, фарҳангномаҳо, осори насри ривоятӣ ва номанигорӣ мебошад.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти марбут ба «сарф 形态学» дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» номгузорӣ шуда, дар ду фасл мураттаб гардидааст, ки дар онҳо хусусиятҳои сохтории истилоҳот ва роҳҳои ташаккулёбии он дар асоси таснифоти сарфӣ дар забонҳои муқоисашаванда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар боби мазкур истилоҳоти забоншиносии марбут ба исм - 名词, сифат - 形容词, феъл 动词 ва зарф 副词 дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ аз ҷиҳати сохт таҳлил ва баррасӣ шудаанд. Дар зерфаслҳо истилоҳоти таркибии марбут ба ҳиссаҳои нутқ – исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл ва зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти марбут ба «наҳв 句法» дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» ном дошта, дар он доир ба сохтори истилоҳоти марбут ба наҳв ба таври умумӣ маълумот дода мешавад. Дар зербоби мазкур оид ба истилоҳоти иборавӣ таҳқиқот бурда мешавад. Ба низоми истилоҳоти марбут ба ибора истилоҳҳои зерин дохил



Сканировано с CamScanner

мешаванд: ибораҳои озод, ибораҳои рехта, ибораҳои синтаксисӣ, ибораи исмӣ, ибораҳои сифатӣ, ибораҳои шуморагӣ, ибораҳои ҷонишинӣ, ибораҳои сифати феълӣ, ибораҳои масдарӣ, ибораи исмии изофӣ, ибораи исмии алоқаи ҳамроҳӣ, ибораҳои исмии пешояндор, муносибати муайянкунандагӣ (атрибутивӣ), ибораҳои содда, ибораҳои мураккаб ва ғайра. Истилоҳҳои мазкур аз ҷиҳати сохт мавриди таҳлил қарор гирифта шудаанд.

Ҳар як қисмати рисола хулосаҳои мушаххаси бобро дар бар мегирад.

Хулосаҳои муаллиф аз натиҷаи бадастовардааш дар 17 банд ҷамъбаст гардидаанд, ки ҳамагӣ асосноканд.

Диссертант ҳангоми таҳияи рисола ба қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобат, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №268 тасдиқ шудааст, диққати махсус зоҳир намуда, дар асоси ин ҳуҷҷати зарурӣ корашро омода кардааст. Гузашта аз ин, диссертатсия босаводона таҳия шуда, дар он ғалатҳои имлоӣ, китобӣ ва услубӣ ниҳоят кам ба мушоҳида мерасанд, ки ин аз масъулияти баланд ва дониши хуби диссертант шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, аз мутолиа ва таҳлили диссертатсияи мавриди тақриз чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки Ҷанг Лей мавзуъро хуб омӯхта, ба ҳалли вазифаҳои дар назди худ гузоштааш ба ҳадаф расидааст. Маводи назариву амалии фаровоне, ки муҳаққиқ гирд оварда, таҳлил намудааст, аз заҳмати зиёди ӯ дарак медиҳад. Муҳокимарониҳо ва баҳсҳои диссертант дар рисола бамаврид ва илман асосноканд. Аксари мулоҳиза ва нуқтаҳои назари баённамудаи ӯ ҷолиби таваҷҷуҳ ва арзишманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва худи он дар маҷмуъ ба тамоми талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошанд.

Сарфи назар аз дастовардҳо дар фишурда ва ҳам дар рисола баъзе камбудиҳое ҷой доранд, ки, аввалан, ислоҳпазиранд ва соният, зикр ва ислоҳи онҳо дар оянда ҳусни корро меафзоянд:

1. Мафҳуми истилоҳ аз нуқтаи назари олимони тоҷик бештар оварда шудааст. Ақидаи олимони чинӣ бештар дарҷ мегардид, кор ранги дигар мегирифт.

2. Дар қисмати амалии рисола муаллиф мисолҳои зиёдро дар ду забон таҳлил намудааст. Агар маводи ҷамъоварда дар диаграмма ё таблитса пешкаш мегашт, рисола ранги дигар мегирифт

3. Дар диссертатсия баъзе ҷумлаҳо, ки мисол оварда шудаанд, тавзеҳталаб мебошанд;

4. Ҳарчанд матни русии автореферат бо матни тоҷикӣ пурра мувофиқат намояд ҳам, аммо каме таҳрирталаб буда, дар он қоидаҳои дастурӣ ва имлоӣ баъзан сарфи назар шудаанд.



Сканировано с CamScanner

5. Дар автореферати диссертатсия ғалатҳои техникӣ ба назар мерасанд.

Ин мулоҳизот ва эродҳо ҷанбаи тавсиявӣ дошта, ислоҳпазиранд ва аҳаммияти назариву амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса, метавон тазаккур дод, ки муҳтавои фишурда низ бо рисолаи илмӣ пурра мувофиқат мекунад. **Диссертатсияи Ҷанг Лей кори баанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда**, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва **муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, киёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.**

Тақриз ба диссертатсия ва автореферат дар ҷаласаи кафедраи забонҳои форсӣ ва хитойии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", суратҷаласаи №2 аз 23.10.2023 муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласа 13 нафар иштирок доштанд: Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забонҳои форсӣ
ва хитойии МДТ "ДДХ ба номи
академик Б.Ғафуров" — Қосимова Марҳабо Ҷӯрабоевна

**Ташхисгар:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забонҳои форсӣ ва хитойии
МДТ "ДДХ ба номи акдемик Б.Ғафуров" — Низомиддин Муродӣ

**Котиби ҷаласа:** — Абдулсаттор Ҷино

«Имзоҳои Қосимова М.Ҷ., Муродӣ Н.,
ва Абдулсаттор Ҷ.-ро тасдиқ менамоям»
Сардори раёсати кадрҳои МДТ "ДДХ ба
номи академик Б.Ғафуров" — Наврӯзов Э.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
Тел.: (+992-3422) 6-52-73
www.hgu.tj
E-mail: rector@hgu.tj



Сканировано с CamScanner